Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062-назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Турзунзода, 30, E-mail: rajabova@rambler.ru, www.rtsu.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

Мавҷудияти инфрасохтори пешрафтаи инноватсионӣ дар рушди тиҷоратикунонии навовариҳо арзёбӣ менамояд. Ояндаи Тоҷикистон дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбини гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркард ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим мебошад. Аз ҳамин нуктаи назар тиҷоратикунонии навовариҳо метавонад дар равнақи иқтисодиёти инноватсионӣ таъсирӣ мусбӣ расонида, ба васила дар таъмини устувории иқтисодиёт накши созгор дорад.

Мундариҷаи автореферати рисолаи диссертатсионӣ бо истифодаи принсипи пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардида, масъалаҳои муҳими мавзуи таҳқиқот бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии интихобшуда, объект, мавзуъ, навгонии илмӣ ва дигар талаботҳои таҳияи рисолаҳои номзадии аз тарафи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гадида, мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор дода шудааст.

Муҳтавои автореферати диссертатсия ва равишҳои илмии истифоданамудаи Маҳмадалиев Н.К. собит менамояд, ки мавзуи таҳқиқотӣ барои иқтисодиёти инноватсионии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии иқтисодиёти мамлакат арзёбӣ мегардад, масъалаи нисбатан кам таҳқиқ гардида мебошад.

Дар автореферати диссертатсия паҳлӯҳо ва нуқтаҳои ҷолиби аҳамияти илмидошта мушоҳида мегардад, аз ҷумла, нуқтаи назари муаллиф оид таҳқиқи хусусиятҳо, моҳият ва зинаҳои асосии навоварӣ дар шароити муосири фаъолияти иқтисодӣ, таҳлили заминаҳои асосӣ ва вазъи кунунии механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасии арзёбии самаранокии дастгирии давлатии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, коркарди дастурҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои мукаммалгардонии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, моделсозии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ.

Муҳаққиқ зимни таҳлилҳо муайян кардааст, ки дар соли 2023 аз 81 муассиса ва ташкилоти илмие, ки дар Тоҷикистон ба фаъолияти илмию техникӣ машғуланд, 67 адад дар НТМ ва Душанбе, 5 адад дар Суғд, 6 адад дар Хатлон ва 3 адад дар ВМКБ ҷойгир шудаанд. Чунин нобаробарӣ ба принсипҳои рушди мутаносиби соҳаҳо ва минтақаҳои кишвар мухолиф буда, имконияти истифодаи самараноки иқтидори инноватсионии минтақаҳои онро хеле коҳиш медиҳад,(саҳ.16).

Диссертант дар назди худ мақсад гузоштааст, ки ҷиҳати таҳқиқу тавсияи ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва пешниҳодоти аз нигоҳи илмию амалӣ асоснокгардида оид ба самтҳо ва роҳҳои такмили механизми ташкилӣ – иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир навгониҳои илмии худро пешниҳод кунад.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд. Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасонанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқи ояндаи муаллиф самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Муаллиф бо истифода аз маълумотҳои оморӣ ҷадвалҳо тартиб дода шуда аст, аммо дар матни автореферат таҳлили баъзе аз ҷадвалҳо гузаронида нашуда аст (ба мисоли ҷадвали 3, 5, 6);

Эроди мазкур баҳои мусбати кори иҷрошударо қадре ҳам паст намекунанд, зеро натиҷаҳои илмии ба дастомада аз сатҳи баланди илмию назариявии таҳқиқот, навгонӣ ва аҳамияти амалии мундариҷаи диссертатсия дарак медиҳанд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Маҳмадалиев Насриддин Каримович ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ)»қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D051701 Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-мебошад.

Муқарриз
дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ
ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав, нии., дотсент Зувайдуллозода Г.Х.

Имзои Зувайдуллозода Г.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
☏: (+992-3222)24520, 2022253, E-mail:Ktsu78@ mail.ru